**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6Д.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Дар баробари адибони оламшумули тоҷик дар байни мардум дар тули асрҳо шахсоне буданд, ки истеъдоди шоирӣ дошта, вале аз хондану навиштан огоҳ набуда, бадоҳатан шеър мегуфтанд ва сурудаҳои онҳо бо гузашти замон ба моли мардум (фолклор) табдил меёфт. Сабаби ба вуҷуд омадани осори фолклорӣ маҳз ҳамин гуна касони нохондаи боистеъдод буданд.

Баъди шакл гирифтани илми фолклоршиносӣ аз ҳар гӯшаву канори олам пажуҳандагон ба гирдоварии гуфта ва сурудаҳои гӯяндагони машҳур, ҳамчунин шоирони нохонда, ки бадоҳатан шеър мегуфтанд, машғул шуданд. Чунин шоирони бесавод дар байни халқҳое, ки ҳанӯз соҳиби хат набуданд, бештар ба назар мерасиданд. Фолклоршиносони рус ва халқҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ осори ин гуна шоирони нохондаро ҳамчун “народный поэт” (“шоири халқӣ”) сабт карда, мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор доданд. Баъдҳо баъзе аз онҳо бо гузашти замон навиштану хонданро ёд гирифта, ашъори худро, ки асосан, ба сабки содаи омиёна аст, менавиштанд, ки яке аз онҳо Саид Холзода мебошад.

Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна ба омӯзиш ва таҳқиқи поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода бахшида шудааст. Муҳиммият ва мубрамияти мавзуи мавриди назар дар он зоҳир мешавад, ки диссертант бори нахуст дар шакли монографӣ ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ ва вижагиҳои поэтикаи ашъори як тан аз шоирони мардумии тақрибан омӯхтанашударо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Иқдоми диссертант дар мавриди шинохти илмии рӯзгору осори Саид Холзода, ки аз ҷумлаи шоирони нохонда ва баъд ба таври худомӯз босаводшуда буд ва ҳатто дар курсҳои кӯтоҳмуддат таълим гирифта, дар натиҷа осори манзуми худро бо сабки омиёна мегуфту менавишт, муҳим ва арзишманд арзёбӣ мешавад.

Ҳамчунин, мубраммии таҳқиқоти мазкур боз дар он зоҳир мешавад, ки дар фолклоршиносии тоҷик аҳволу ашъори Саид Холзода,

ки маъмулан бо сабки мардумӣ шеър эҷод кардааст ва хосса, ҷанбаҳои адабию ҳунарии ашъори ӯ бори нахуст дар шакли комилу фарогир пажуҳиш ва муаррифӣ мешавад. Махсусан, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии шоир, масири ба шеъру адабиёти мардумӣ ворид гардидани Саид Холзода, хусусиятҳои мардумию фолклории ашъори шоир ва омезиши суннатҳои адабии касбию мардумӣ дар эҷодиёти ӯ бори аввал баррасӣ мешаванд. Дар диссертатсия мақому мартабаи адабию ҳунарии шоири мардумӣ Саид Холзода дар контексти равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замони зиндагии ӯ таҳқиқ мешавад, ки ин раванди кор бозгӯи он аст, ки чӣ гуна як шахси боистеъдод чун намояндаи адабиёти гуфторӣ ба адабиёти навишторӣ гузаштааст.

Аҳаммияти назарии таҳқиқоти Н.Самиева дар он аст, ки хулосаю натиҷагириҳои илмии ӯ на танҳо барои таҳқиқи минбаъдаи аҳволу осори Саид Холзода роҳи васеъ мекушояд, балки фолклоршиносон ва адабиётшиносонро барои омӯзиши аҳволу осори гӯяндагон шоирони мардумӣ таҳрик медиҳад.

Аҳаммияти амалии кор чунин ба назар мерасад, ки дар оянда магистрантҳо, унвонҷӯёну докторантҳо ва алоқамандони шеъру адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ метавонанд, аз натиҷагириҳои илмии он истифода намоянд. Инчунин, маводи диссертатсия барои тадриси адабиёти гуфторӣ, таҳияи тазкираи шоирони мардумии тоҷик, китобҳои дарсӣ, рисолаҳои илмии марбут ба фолклоршиносӣ ва ғайра муфид мебошад.

Диссертатсияи Н. Самиева ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти мазкур кори мустақилонаи пажуҳишии диссертант аст, ки он дорои мазмуни мукаммал ва мантиқист. Масъалагузорӣ, баррасии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Н.Самиева ба шиносномаи ихтисоси 10.01.09 - Фолклоршиносӣ мувофиқат менамояд.

Илова бар ин, хулоса ва натиҷагириҳои илмии диссертант дар 7 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидани ӯ ифода гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои зикршудаи диссертант ба пуррагӣ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Дар диссертатсия истифодаи маводи адабию илмии бидуни ишора ба

муаллиф ва маъхаз ба назар намерасад, ки он аз доштани таҷрибаи зарурӣ ва риояти банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ аз тарафи диссертант гувоҳӣ медиҳад. Мавзуи мавриди назар дар се бобу нуҳ фасли ҷудогона баррасӣ мешавад ва аксари проблемаҳои мавриди назари диссертант бо ҳам қаробати мантиқӣ дошта, ягонагии фазои пажуҳиширо дар диссертатсия фароҳам мегардонад.

Дар бахши хулосаи диссертатсия натиҷагириҳои илмии диссертант, нуктаҳои муҳим ва қобили мулоҳизаи таҳқиқот зикр мегардад. Дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқ диссертант дурномаи минбаъдаи омӯзиши мавзуъ ва проблемаҳои илмии шабеҳи онро мушаххас месозад.

Ҳангоми мутолиаи диссертатсия комиссияи экспертӣ ислоҳи баъзе нуқсонҳоро ба унвонҷӯ пешниҳод намуд, ки ӯ дар муддати кӯтоҳ онҳоро бартараф кард.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида комиссияи экспертӣ таъкид менамояд, ки диссертатсияи номзадии Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6Д.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперти муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмиашон ба ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

- **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**- Аминов Абдулфатоҳ Ҳакимович** – номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилот”-и Вазорати фарҳанг

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузаштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонов Р.Қ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ Қурбонзода Р.Қ.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви шурои диссертатсионӣ Охониёзов В.Д.

“11” марти соли 2024